Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи «Шарномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

Диссертатсияи номзадии Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзуи «Шарномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст, зеро дар амалияи муосир шартномаҳои консессионӣ ҳамчун воситаи татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар идоракунии инфрасохтор ва лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок тарҳрезӣ мегарданд. Дар фаъолияти иқтисодии давлат консессия ба яке аз механизмҳои мукаммалтарини бозоргонӣ бо мақсади ҷалби сармояи инвеститсионӣ табдил ёфтааст. Ин бори дигар собит менамояд, ки институти шарномаҳои консессионӣ яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ ба шумор меравад.

Ба андешаи коршиносони Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шакли консессия, махсусан дар самти ташаккул, рушд ва бозсозии инфрасохтори хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ҳамчун механизми самарабахш ва муассири ҳамкории соҳавӣ арзёбӣ мегардад.

Дар шароите, ки давлат аз нигоҳи андешаҳои муайяни сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба худ нигоҳ доштани ҳуқуқи моликиятро ба объекти консессия зарур мешуморад, маҳз шартномаҳои консессионӣ яке аз моделҳои муҳим, мутақобилан судманд ва бомуваффақи ҳамкории иқтисодии дарозмуҳлат маҳсуб меёбанд.

Таъмини дурусти ҳуқуқҳои сармоягузорон ба ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории хориҷӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт таъсири назаррас мерасонад. Дар баробари ин, ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон, дар сурате, ки фаъолияти хоҷагидорӣ аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад, бояд дар асоси системаи кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии консессиядорон ба роҳ монда шавад.

Аз ин лиҳоз, анҷом додани таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи “Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд” дар шароити

Тоҷикистон мубрам мебошад. Таҳлил нишон дод, ки дар муқаддимаи диссертатсияи баррасишуда муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи воқеии таҳқиқи мавзӯи илмӣ ва робитаи он бо барномаҳои илмӣ муайян, мақсаду вазифаҳо мушаххас, объект, мавзуъ ва давраи таҳқиқот тавсиф шудаанд. Инчунин асосҳои назариявию методологӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот дақиқ шарҳ дода шуда, нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, бо дарназардошти аҳаммияти назариявӣ ва амалии онҳо, тавсиф гардидаанд.

Вобаста ба мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ заминаҳои объективии танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он масъалаҳои рушди шартномаҳои консессонӣ ҳамчун шакли муносибат байни давлат ва сармоягузори хусусӣ, инчунин асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидаанд.

Муаллиф пайдоиши имконияту шароитҳои нави истифодаи моликияти давлатиро дар замони Истиқлоли давлатӣ, амалинамоии намудҳои гуногуни ҳамкориҳоро дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ, ташаккули асосҳои боварибахши ҳамкориҳои давлатро бо бахши хусусӣ дар шакли консессия, дарки муҳиммияти рушди муносибатҳои ҳуқуқии консессиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтидори мавҷудаи захираҳои табиӣ ва зарурати ҷалби васеи сармояи хориҷиро дар коркарди минбаъдаи онҳо ва ғайраро ҳамчун омилҳои объективии рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ дар Тоҷикистон баҳогузорӣ кардааст.

Зимни таҳқиқи асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни пайдоиш ва ташаккули заминаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессионӣ таҳлил гардида, зикр шудааст, ки солҳои 90-уми асри XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои пасошӯравӣ рағбати ҷамъиятию сиёсӣ вобаста ба масъалаҳои консессия пайдо мегардад. Ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар пазируфта шудани ҷалби сармоя ва тавсеаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ боиси қабули маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи консессия дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1997-2018 гардидааст, ки дар дессертатсияи мазкур таҳлил шудаанд.

Дар идомаи таҳқиқоти мазкур тафсирҳои энсиклопедӣ ва андешаҳои олимони соҳа, аз ҷумла Доронина Н.Г., Варнавский В.Г., Ландау Б.А., Савинова О.Н., Попов А.И. ва дигарон дар мавриди мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ таҳлилу ҷамъбаст гардидаанд, ки сифати таҳлили пешниҳодшударо ғанӣ гардонида, ҳамбастагии илм ва

амалияи татбиқӣ муносибатҳои ҳуқуқии консессиониро баръало ошкор менамоянд.

Ҳамзамон бо ин, ақидаҳои гуногунмазмуни олимони соҳа дар мавриди табиати ҳуқуқии шартномаи консессионӣ қайд гардида, ба хусусияти маданӣ-ҳуқуқӣ доштани шартномаи консессионӣ бартарият дода шудааст.

Масъалаҳои вобаста ба вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи консессиониро баррасӣ намуда, муаллиф ба хулоса омадааст, ки давлат дар муносибатҳои ҳуқуқии консессионӣ нақши дугона дошта, аз як тараф ба сифати субъекти шартномаи консессионӣ ва аз тарафи дигар ҳамчун барандаи ҳокимияти давлатӣ баромад мекунад. Зимнан, вобаста ба такмили қонунгузорӣ дар муносбат ба консендент ва консессиядор таклифҳо пешниҳод шудаанд.

Дар рисолаи баррасишуда масъалаҳои муқосиавӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии бастани шартномаҳои консессионӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Қайд мегардад, ки шартномаҳои консессионӣ дар Тоҷикистон дар муқоиса бо баъзе кишварҳои хориҷӣ дар ҳар як ҳолат аз ҷониби тарафҳо алоҳида таҳия ва ба имзо расонида шуда, таҷрибаи истифодаи шартномаҳои намунавӣ дида намешавад ва баҳри такмили ин самт таклифҳо манзур карда шудаанд.

Диссертант таҳлили илмӣ ва ҳуқуқии шартномаи консессиониро дар таносуб бо шартномаҳои иҷора, консессияи тиҷоратӣ, паймонкорӣ ва созишнома дар бораи тақсимоти маҳсулотро анҷом додааст. Дар ин маврид хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи шартномаҳои зикршуда бо шартномаи консессионӣ баррасӣ ва дар маҷмуъ хулосаи асоснок пешниҳод шудааст, ки шартномаи консессионӣ шакли алоҳидаи шартнома мебошад.

Дар боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои ӯҳдадориҳо дар доираи шартномаи консессионӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, маҷмуи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳои шартномаи консессионӣ аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Новобаста аз он, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии консессионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҳдуд муайян шудаанд, таҷрибаи муносибатҳои ҳуқуқии консессионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки доираи васеъ ва муфассали ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо асосан дар худи шартномаи консессионӣ муқаррар карда шудаанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки консессия яке аз шаклҳои мураккаби шарикии давлат ва бахши хусусӣ маҳсуб меёбад ва нигоҳ доштани

тавозуни манфиатҳои тарафҳо омили муҳимму самараноки дар амал татбиқ гардидани падидаи консессия мебошад ва дар ин занҷира кафолатҳои давлатии консессиядор нақши муҳим дошта, он ба рушди муносибатҳои консессионӣ мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти хусусияти таркиби субъективии шартномаҳои консессионӣ, ки ба ҳайси яке аз тарафҳо ташкилоти оммавӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунад, масъалаи ҷавобгарии тарафҳои шартномаи консессионӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо муҳим мебошад ва дар рисолаи диссертатсионӣ паҳлуҳои назариявию амалии он ҳаматарафа таҳлил гардидаанд.

Дар хулоса муаллиф бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди минбаъдаи шартномаҳои консессионӣ барои такмили қонунгузории амалкунанда таклифҳои мушахас манзур намудааст, ки метавонанд аз ҷониби олимону коршиносон ва масъулини мақомоти давлатӣ дар мавриди истифодаи самарабахши идораи моликияти давлатӣ истифода гарданд.

Омӯзиш ва таҳлили мазмун ва моҳияти рисолаи диссертатсионӣ нишон медиҳанд, ки он ба талаботи шиносномаи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, инчунин дигар талабот (навгонӣ, риояи одоби илмӣ ва ғайра) мутобиқ мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад.

Аз ҷумла муаллиф ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузориро дар мавриди бе озмуни кушода ба консессия додани объектҳо таҳлил намуда, дар банди 5 хулосаи дар автореферат овардаи худ пешниҳод кардааст, ки дар қонунгузорӣ номгӯйи объектҳо дар соҳаи мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин меъёрҳои мушаххас, ки тавассути онҳо метавонанд ҳолатро ҳамчун таъсиркунанда ба амнияти давлат ё қобилияти мудофиавии он баҳогузорӣ мекунанд, тасдиқ карда шаванд. Дар ин маврид муаллиф мақсади ин пешниҳоди худ ва бо кадом санади меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ гардидани онро асоснок накардааст.

Ба ақидаи мо худи таҳияи чунин номгӯй ва коркарди меъёрҳои зикршуда бинобар дахл доштан ба маълумоти дастрасиаш маҳдуд барои рушди муносибатҳои консессионӣ он қадар созгор намебошанд.

Новобаста аз ин, эроди зикршуда сатҳу сифати рисолаи илмии анҷомёфтаро коста нагардонида, метавонад дар идомаи таҳқиқи масъалаи мазкур баррасӣ карда шавад.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи “Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд” ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, унвонҷӯ Абдуллозода Аҳтам Рустам барои дастрасӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шоҳмурод Рустам

Шоҳмурод Рустам
734024 г. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (992 37) 221-63-44; 223-04-09.
E-mail: m.tartibot@yandex.ru

Имзои Шоҳмурод Рустамро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. С. Сафарзода

«29» 08 соли 2024